# Масеҳ 4



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.




ЮҲАННО 3:22-26






МАТТО 4:12; МАРҚУС 1:4; ЛУҚО 3:19-20




МАТТО 4:12; МАРҚУС 1:4; ЛУҚО 3:19-20


УСТОД, ШУМО ФАРИСИЁНРО АСАБОНӢ МЕКУНЕД.
БА ОНҲО ТАЪЛИМОТИ ШУМО ВА БО ЯҲЁ РОБИТА ДОШТАНИ ОН МАЪҚУЛ НЕСТ.
ХУСУСАН ҲОЗИР, КИ ПОДШОҲ ЯҲЁРО ҲАБС КАРДААСТ!
ҲИРОДУС ӮРО ҲАБС КАРДААСТ.
ПАЙҒАМБАР ДАР ВАТАНИ ХУД БЕҚАДР АСТ.
ШОЯД ВАҚТИ ОН АСТ, КИ РОҲАМОНРО ДАВОМ ДИҲЕМ...
«...ВА БА ҶАЛИЛ БАРГАРДЕМ».
ОНҲО АЗ СОМАРИЯ, АЗ НАЗДИ ШАҲРИ СУХАР ГУЗАШТА МЕРАФТАНД, КИ ЯКЧАНД НАСЛ ПЕШТАР ЯЪҚУБ БА ПИСАРАШ ЮСУФ ЧОҲИ ОБ ДОДА БУД.
АКНУН ИН ВИЛОЯТ ВА СОМАРИЁН ТААЛЛУҚ ДОШТ. ОНҲО АВЛОДОНИ ЯҲУДИЁН БУДАНД, КИ ТАВРОТРО МЕХОНДАНД, АММО ҚОИДАҲОИ ДИНИ ЯҲУДИЁНРО РИОЯ НАМЕКАРДАНД.
МАН ГУРУСНА МОНДАМ.
ШОЯД БА ШАҲР РАВЕМ? МЕБИНЕМ, КИ ОЁ ИН СОМАРИЁН БА МО ХӮРОКВОРӢ НАМЕФУРӮШАНД?
ПУЛ ПУЛ АСТ, НОВОБАСТА БА ОН КИ ШАХС СОМАРӢ АСТ Ё ЯҲУДӢ, ҲАМИН ТАВР НЕ?
МАН ДАР ҲАМИН ҶО ИНТИЗОР МЕШАВАМ. КАМЕ ДАМ МЕГИРАМ.
ИН ФАРҚ ДАР ДИН БОИСИ ДУШМАНӢ ВА НОБОВАРӢ БАЙНИ ДУ ХАЛҚ ГАРДИДА БУД.
УЗР МЕХОҲАМ, ШОЯД АЗ ИН ЧОҲ БА МАН ОБ ДИҲӢ?
МАН? ТУ АЗ МАН, КИ СОМАРӢ ҲАСТАМ, ОБ МЕХОҲӢ?
АГАР МЕДОНИСТӢ, КИ КӢ АЗ ТУ ОБ МЕХОҲАД, ХУДАТ АЗ МАН ОБ ХОҲИШ МЕКАРДӢ!
ВА МАН БА ТУ ОБИ ҲАЁТ МЕДОДАМ.


ИН ЧОҲ ЧУҚУР АСТ, ХОҶААМ.
БЕ ЗАРФ ВА БАНД ОБ ГИРИФТА НАМЕТАВОНӢ!
Ё ТУ ГУМОН МЕКУНӢ, КИ ТУ ОДАМИ МАХСУС ҲАСТӢ?
МАГАР ТУ АЗ ПАДАРИ МО ЯЪҚУБ БУЗУРГТАР ҲАСТӢ, КИ ИН ЧОҲРО БА МО ДОДААСТ, ВА ХУДАШ ВА ФАРЗАНДОНАШ ВА ЧОРВОЯШ АЗ ОН МЕНӮШИДАНД?
ЯЪҚУБ АЗ ИН ЧОҲ ОБ МЕНӮШИД, ВА ҲАР ДАФЪА БОЗ ТАШНА МЕМОНД.
МОНАНДИ ТУ, МАН, Ё ҲАР КАСИ ДИГАРЕ КИ ИН ОБРО МЕНӮШАД.
ЛЕКИН ҲАР КӢ АЗ ОБИ ҲАЁТ КИ МАН МЕДИҲАМ, НӮШАД, ТО АБАД ТАШНА НАМЕМОНАД!
ВА ИН ҲАНӮЗ ҲАМААШ НЕСТ – ОБЕ КИ МАН МЕДИҲАМ, ЧАШМАИ ОБЕ МЕГАРДАД, КИ ҲАЁТӢ АБАДИРО МЕДИҲАД!
МАН ИНРО МЕХОҲАМ. БА МАН АЗ ОН ОБ ДЕҲ, ТО ДИГАР ТАШНА НАМОНАМ ВА БА ИН ҶО БАРОИ ОБ КАШИДАН НАОЯМ.
ТО БА МАН ЛОЗИМ НАОЯД, КИ АЗ НАЗДИ ИН ОДАМОН ВА НИГОҲҲОИ МАҲКУМКУНАНДАИ ОНҲО ГУЗАРАМ...
БА ХОНААТ РАВ.
ШАВҲАРАТРО ИН ҶО БИЁР.
МАН... МАН ШАВҲАР НАДОРАМ.
ИН РОСТ АСТ.
ТУ ПАНҶ ШАВҲАР ДОШТӢ, ВА КАСЕ КИ АКНУН ДОРӢ, ШАВҲАРИ ТУ НЕСТ.
ТУ... ПАЙҒАМБАР ҲАСТӢ?


ҲАМИН ТАВР НЕ? ПАЙҒАМБАРИ ЯҲУДӢ.
ШУМО, ЯҲУДИЁН, МЕГӮЕД, КИ АЗБАСКИ МО ХУДОРО ДАР ИН КӮҲ ПАРАСТИШ МЕКУНЕМ, БА ҶОИ ОН КИ БА УРШАЛИМ РАВЕМ...
ЗАН...
ПАДАР ХОҲОНИ ОН АСТ, КИ ОДАМОН ӮРО ДАР РӮҲ ВА РОСТӢ ПАРАСТИШ КУНАНД! ПАЙРАВОНИ ҲАҚИҚӢ!
БАР ИН КӮҲ? ДАР УРШАЛИМ? ТАМОМАН АҲАМИЯТ НАДОРАД.
ФАРҚ ФАҚАТ ДАР ОН АСТ, КИ ШУМО НАМЕДОНЕД ЧИРО ПАРАСТИШ МЕКУНЕД, АММО ЯҲУДИЁН МЕДОНАНД, ЗЕРО НАҶОТ БА ВОСИТАИ ЯҲУДИЁН МЕОЯД.
МАН МЕДОНАМ, КИ МАСЕҲ МЕОЯД, ВА ОН ГОҲ МО ҲАМАИ ОН ЧИРО, КИ Ӯ ХАБАР МЕДИҲАД, МЕФАҲМЕМ!
МАН ДАР ИН ҶОЯМ
ВА МАН БО ТУ СУХАН МЕГӮЯМ.
УСТОД, ЧАРО ТУ БО Ӯ ГУФТУГӮ КАРДӢ?
МО ХӮРОК ОВАРДЕМ.
МАН ХӮРОК ДОРАМ. ХӮРОКЕ КИ ШУМО ДАР БОРАИ ОН НАМЕДОНЕД.
КАСИ ДИГАРЕ БА Ӯ ХӮРОК ОВАРДААСТ?
ШОЯД, ОН ЗАН?
ДӮСТОН, ХӮРОКИ МАН...
...ИҶРОИ ХОСТИ КАСЕСТ, КИ МАРО ФИРИСТОДААСТ!
ДЕҲҚОНЕ КИ КИШТ КАРДААСТ, ИНТИЗОРИ ОН АСТ, КИ ДАРАВ ФАРО РАСАД, ҲАМИН ТАВР НЕ?
БА АТРОФ НИГОҲ КАРДА, КИШТЗОРРО БИНЕД!
ЮҲАННО 4:4-27




ЮҲАННО 4:28-45






ЮҲАННО 4:46-54




МАТТО 4:23-25; МАРКУС 1:30; ЛУҚО 4:16-21,44


Ӯ ДАР БОРАИ ЧӢ МЕГӮЯД?
МАГАР Ӯ ПИСАРИ ЮСУФ НЕСТ?
ОЁ МАН СУХАНОНИ ӮРО ДУРУСТ ФАҲМИДАМ?
МАН МЕДОНАМ, ШУМО МЕХОҲЕД ОН ЧИРО, КИ ДАР КАФАРНАҲУМ КАРДАМ, ДАР ИН ҶО НИЗ КУНАМ.
ШУМО МЕХОҲЕД, КИ ДАР ШАҲРИ ЗОДГОҲАМ ҲАМАИ ОН ЧИРО, КИ БЕРУН АЗ ҲУДУДИ НОСИРА КАРДААМ, КУНАМ.
АММО ГӮШ КУНЕД! ҲЕҶ ПАЙҒАМБАРЕ ДАР ВАТАНИ ХУД ҚАБУЛ НАШУДААСТ!
ИЛЁС ҲАНГОМИ ГУРУСНАГӢ БА МИҚДОРИ ДИЛХОҲИ БЕВАЗАНОНИ ИСРОИЛ ФИРИСТОДА ШУДА МЕТАВОНИСТ!
АММО БА ҶОИ ИН Ӯ НАЗДИ БЕВАЗАНЕ ДАР САРФАТ ФИРИСТОДА ШУД, ТО КИ БА ТАВРИ МУЪҶИЗАОСО БА Ӯ ХӮРОК ДИҲАД!
ЧАНДЕ ПАС АЗ ИН ЭЛИШОЪ НИЗ НАЗДИ МАХАВИЁН ДАР ИСРОИЛ ФИРИСТОДА ШУДА МЕТАВОНИСТ!
АММО БА ҶОИ ИН НАЗДИ Ӯ НААМОНИ АРАМӢ ФИРИСТОДА ШУД, ТО КИ ШИФО ЁБАД!
ТУ ЧӢ ТАВР ҶУРЪАТ КАРДА, ЧУНИН МУҲОКИМАРОНӢ МЕКУНӢ!
ВА МОРО МАҲКУМ МЕНАМОӢ!
ӮРО АЗ ИН ҶО БАРОРЕД!
ӮРО АЗ ШАҲР БЕРУН КУНЕД!


ПАЙҒАМБАРОН ДАР ВАТАНИ ХУД ЭҲТИРОМ КАРДА НАМЕШАВАНД?
ШОЯД АЗ ОН САБАБ, КИ ОНҲО НОИНСОФОНА РАФТОР МЕКУНАНД!?
ӮРО БА НИШЕБИИ КӮҲ БАРЕД!
ИН БИДЪАТКОРРО АЗ ОН ҶО МЕПАРТОЕМ!
ӮРО АЗ ОН ҶО МЕПАРТОЕМ... САБР КУНЕД, ЧӢ РӮЙ ДОД?
Ӯ КУҶО ШУД?
ОХИР, МАН ӮРО БО ДАСТОНАМ ДОШТАГӢ БУДАМ...
ҒАЙРИИМКОН!
Ӯ КУҶО ШУД?
ИСО?
ЧӢ ТАВР...?
ВАҚТИ РАФТАН ШУД...

ЛУҚО 4:22-30






МАТТО 4:18-22; МАРҚУС 1:14-20; ЛУҚО 5:1-11


БА ЧУҚУРОБ РОНДА, ТӮРҲОРО БАРОИ САЙД ПАРТО.
МЕБИНЕМ, КИ КИ ЧИРО САЙД КАРДА МЕТАВОНӢ.
УСТОД, МО ТАМОМИ ШАБ МЕҲНАТ КАРДА, ҲЕҶ ЧИЗ САЙД НАКАРДЕМ!
МО ДАР НИСФИРӮЗӢ ҲЕҶ ЧИЗРО САЙД КАРДА НАМЕТАВОНЕМ!
МАЙЛАШ! ЧУНИН МЕКУНЕМ!
БА ХОТИРИ СУХАНАТ, МАН ИН КОРРО МЕКУНАМ!
БИЁЕД, БАЧАҲО!
БА ФИКРИ Ӯ, МО ЧИРО САЙД КАРДА МЕТАВОНЕМ?
ТУ ИНРО ҲИС МЕКУНӢ?
ҲИС МЕКУНАМ, КИ... ОҲО!..
ЭЙ, БАЧАҲО! БО ҚАИҚҲО ИН ҶО ШИНОС КАРДА БИЁЕД!
ИН ҶО БА МО ЁРӢ ДАРКОР МЕШАВАД!






МАТТО 4:18-22; МАРҚУС 1:14-20; ЛУҚО 5:1-11


КАМЕ ДУРТАР ДАР СОҲИЛИ КӮЛ...
АНДРИЁС, КУҶО РАВОНАЙ?
МО ШУНИДЕМ, КИ ШАБОНА МОҲИИ БИСЁРЕ САЙД КАРДЕД!
НЕ! ҲАНГОМИ САҲАР! МАН ҲЕҶ ГОҲ ИН ҚАДАР МОҲӢ САЙД НАКАРДА БУДАМ!
ИН КОРРО УСТОД БА ҶО ОВАРД!
УСТОД.
МАН ДАР БОРАИ МУЪҶИЗАҲО... ВА ТАЪЛИМОТИ Ӯ ШУНИДААМ…
ЧУНИН КАСРО ПАЙРАВӢ НАМУДАН ХЕЛЕ ХУБ МЕБУД...
ШУМО, ДУ НАФАР, БО МАН БИЁЕД!
АЗ ПАЙИ МАН БИЁЕД!
БИЁЕД, ФАРЗАНДОН!
ЗУДТАР!
ИН ШАХС ҚУДРАТ ДОРАД – ҲАМ ДАР СУХАНОН, ҲАМ ДАР АМАЛҲО!
ОНҲО НИЗ АЗ ПАЙИ Ӯ РАФТАНД.
МАТТО 4:18-22; МАРҚУС 1:14-20; ЛУҚО 5:1-11






МАРҚУС 1:21-28; ЛУҚО 4:33-37




МАТТО 8:14-17; МАРҚУС 1:29-34; ЛУҚО 4:38-41






МАРҚУС 1:35-39; ЛУҚО 4:42-44




МАТТО 8:2-4; МАРҚУС 1:40-44; ЛУҚО 5:12-14


МАН... МАН ПОК ҲАСТАМ! О, ТАШАККУР БА ТУ!!!
ТАШАККУР!
АКНУН РАВ!
ХУДРО БА КОҲИНОН НИШОН ДЕҲ ВА ҚУРБОНИИ ПОКШАВӢ ТАҚДИМ НАМО, ЧУНОН КИ МУСО ФАРМУДААСТ!
ВА БА ҲЕҶ КАС НАГӮЙ, КИ БО ТУ ЧУНИН КАРД!
ҲА, ХОҶААМ!
АЛБАТТА!
ИН ШАХС БА ҲАР КӢ ДУЧОР ГАРДИД, НАҚЛ КАРД, КИ БО Ӯ ЧӢ ШУД ВА КӢ БО Ӯ ЧУНИН КАРД.
ХАБАР ДАР ИН БОРА БОЗ ЗУДТАР ПАҲН МЕШУД.
ШИМЪУН, ТУ ТАЪЛИМОТИ ӮРО ШУНИДАӢ?
МАН ШУНИДААМ, КИ ӮРО МАСЕҲИ ВАЪДАШУДА МЕНОМАНД! ВА ХУДИ Ӯ ЧУНИН МЕГУФТААСТ!
МАРДУМ БА ОСОНӢ ЧУНИН ГАПҲОРО ГУФТА МЕТАВОНАНД, ЯҲУДО. АММО МАН БЕШТАР БА АМАЛҲОИ Ӯ ШАВҚ ДОРАМ!
ҲОЗИР МАҲЗ ҲАМОН ВАҚТЕСТ, КИ МО БА МАСЕҲ ЭҲТИЁҶ ДОРЕМ!
ДУРУСТ АСТ, ШИМЪУН.
ИСО АЗ ШАҲРЕ БА ШАҲРЕ МЕРАФТ, ВА ТӮДАҲОИ МАРДУМ АЗ ПАЙИ Ӯ МЕРАФТАНД.
АЗ ҲАМИН САБАБ Ӯ ҲАМЕША ҶОЙҲОИ ХИЛВАТЕРО МЕҶУСТ, ТО ДАР ТАНҲОӢ ДУО ГУФТА ТАВОНАД.



ЛУҚО 5:15-16


ДЕРТАР, ҲАНГОМЕ КИ Ӯ ДАР КАФАРНАҲУМ ТАЪЛИМ МЕДОД, ПАЙРАВОНИ Ӯ ВА СОКИНОНИ ШАҲР БАРОИ ШУНИДАНИ СУХАНОНИ Ӯ ҶАМЪ ШУДАНД.
АММО БА ОН ҶО ҲАМЧУНИН ЯК ГУРӮҲ ФАРИСИЁН ВА ШАРИАТДОНОН ОМАДАНД, ТО ГӮШ КУНАНД, КИ Ӯ ДАР БОРАИ ЧӢ МЕГӮЯД.
МО АЗ БАЙНИ ТӮДАИ МАРДУМ НАЗДИ ИСО ГУЗАШТА НАМЕТАВОНЕМ. ПАС ЧӢ ТАВР Ӯ ДӮСТИ МОРО ШИФО ДОДА МЕТАВОНАД?
ҲЕҶ ГАП НЕ, ДӮСТОН, ШУМО КӮШИШ КАРДЕД...
НЕ!
МО **АЗ БАЙНИ** ТӮДАИ МАРДУМ ГУЗАШТА НАМЕТАВОНЕМ? ПАС МО АЗ БОЛОИ ОН МЕГУЗАРЕМ.
ИН ДУРУСТ БУДА МЕТАВОНАД – САБР КУН!
БА МО АСБОБҲО ДАРКОР МЕШАВАНД.
ВА БАНД!
**ЧӢ?!**
ПОДШОҲИИ ХУДО НАЗДИК ШУДААСТ, АММО ПАДАР РАҲМДИЛ АСТ ВА ТАЙЁР АСТ БАХШАД.
ШУМО НИЗ ҲАМИН ТАВР БОЯД РАҲМДИЛ БОШЕД.
ШУМО НИЗ ҲАМИН ТАВР БОЯД БАХШЕД.
ВА ОН ГОҲ ПАДАР...
ЧӢ ШУДА ИСТОДААСТ?






МАРҚУС 2:1-12; ЛУҚО 5:17-26




МАТТО 9:9; МАРҚУС 2:13-14; ЛУҚО 5:27-28






МАТТО 9:10-15; МАРҚУС 2:15-20; ЛУҚО 5:29-35




МАТТО 9:16-17; ЮҲАННО 5:2-15






ЮҲАННО 5:16-27




МАТТО 12:1-14; МАРҚУС 2:23-28; МАРҚУС 3:1-6; ЛУҚО 6:1-11


ИНРО ДОНИСТА, ИСО АЗ ШАҲР ДУР ШУД.
ДАР ҲАМАИ ИН ВОҚЕАҲО ОН ЧИ ИШАЪЁ ДАР БОРАИ МАСЕҲ ГУФТААСТ, ИҶРО ШУДАНД:
«ИНАК БАНДАИ МАН, КИ ӮРО ИНТИХОБ КАРДААМ, ДӮСТДОШТАИ МАН, КИ ҶОНАМ АЗ Ӯ ХУШНУД АСТ; РӮҲИ ХУДРО БАР Ӯ МЕНИҲАМ... ВА ХАЛҚҲО БА НОМИ Ӯ УМЕД МЕБАНДАНД».
ДАР ЯКЕ АЗ РӮЗҲО, ПАС АЗ ОН КИ БАРОИ ДУО ГУФТАН БА КӮҲЕ БАРОМАД ВА ТАМОМИ ШАБ БА ХУДО ДУО ГУФТ, ШОГИРДОНИ ХУДРО ДАЪВАТ НАМУДА, АЗ ОНҲО ДУВОЗДАҲ НАФАРРО ИНТИХОБ КАРД.
ШИМЪУНРО, КИ ӮРО ПЕТРУС НОМИД.
БАРОДАРИ ПЕТРУС – АНДРИЁСРО.
ЯЪҚУБ...
...ВА ЮҲАННО, ПИСАРОНИ ЗАБДОЙРО.
ФИЛИППУСРО
. НАТАНЪИЛРО АЗ ҚОНО, КИ ҲАМЧУНИН БАРТАЛМО НОМИДА МЕШУД.
ТУМОРО, КИ ДУГОНИК НОМИДА МЕШУД.
МАТТОРО, КИ ЧУН ЛЕВИИ БОҶГИР МАЪРУФ БУД.
ЯЪҚУБИ ХАЛФОЙРО.
ШИМЪУНИ ҒАЮРРО.
ЯҲУДОРО, КИ ЧУН ЛАББОЙ ШАЪРУФ БУДА, ЛАҚАБАШ ТАДДО БУД.
ВА ЯҲУДОИ ИСҚАРЮТИРО.
ИН ОДАМОН ҲАВВОРИЁН НОМИДА ШУДАНД, ВА БА ОНҲО ҚУДРАТ ДОДА ШУДА БУД, КИ МАВЪИЗА КУНАНД ВА РӮҲҲОИ НОПОКРО РОНАНД.
МАТТО 10:1-4; МАРҚУС 3:13-19; ЛУҚО 6:13-16

"THE BIBLE EXPLAINED
IN EVERY LANGUAGE."





**SUPERBIBLE.TV**